ПРОТОКОЛИ № 18

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА- 086 назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

аз « 28» октябри соли 2026

ш.Хоруғ

Дар ҷаласа иштирок доштанд:

аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар

Раиси шуро : доктори илмҳои биологӣ, профессор Мамадризохонов А.А.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2025, № 43/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ-биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо.

Баромад намуданд: Раиси шурои диссертатсионӣ д.и.биологӣ, профессор Мамадризохонов А.А., котиби илмии шуро н.и.б. Содатқадамова Т.М., аъзои шурои диссертатсионӣ, муовини Раиси шурои диссертатсионӣ академики АМИТ Фелалиев А.С., д.и.б., Узви вобастаи АМИТ Абдуллоев А., н.и.б. Мусоев С.М.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ-биохимиявии набототи

баландпояи саваннамонанди қаторкӯхи Ҳисор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
   - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Сатторов Раҳматулло Бобоевич
   - номзади илмҳои биологӣ Наврузбекова Мунира Давлатшоевна;
   - номзади илмҳои биологӣ Давлатова Дилоро Мирзоаҳмадовна

   Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 11 нафар, муқобил- нест, бетараф- нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои биологӣ, профессор Мамадризохонов А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ Содатқадамова Т.М.